**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доир ба диссертатсияи номзадии Азизова Файзигул Шарифовна дар мавзуи “Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти унвони илмии номзади илм оид ба ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (улуми педагогӣ)**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда аз 178 саҳифа иборат буда, дар он 23 ҷадвал, 15 диаграмма ва расм оварда шудааст.

Дар муқаддима зарурати масъала, сатҳи пажуҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмию методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ, шарҳу тавзеҳӣ, арзиши илмиву амалии кори дисертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосӣ ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ шуда, объект ва мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст.

Боби аввали рисола “Асосҳои назариявӣ – матодологии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон” технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равандест, ки барои таҳияи натиҷаҳои нав бо истифода аз расонаҳои нав ва технологияҳои нав истифода мешавад.

Боби дуюм: “Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ” ташкил ва татбиқи барномаҳо ва китобҳои дарсие, ки ба талаботи низоми таҳсилоти умумии миёна дар истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, дар омодасозии хонандагон ба ҷаҳони муосир нақши муҳимме мебозанд. Бо суръатбахшии технология дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, маориф БТ

бояд барои таъмини истифодаи самараноки воситаҳо ва захираҳои муосир мутобиқ шаванд.

Вазифаи аввалиндараҷаи ташкил ва тартиби китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълим мебошад. Ин метавонад, истифодаи тахтаҳои электронӣ, проектор, барномаҳои компютерӣ, захираҳои онлайн ва дигар воситаҳои рақамиро барои омӯзиш ва арзёбӣ дар бар гирад. Китобҳо ва барномаҳо бояд тарҳрезӣ шаванд, ки аз имкониятҳое, ки технологияи муосир фароҳам меорад, то омӯзиш барои хонандагон ҷолибтар, дастрас ва муассиртар гардонад.

Дар боби сеюм: "Корҳои таҷрибавӣ – озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" истифодаи усулҳои самараноки таълим дар фаъолияти хонандагон тавассути мониторинг ва ҳамчунин як падидаи нави муҳим ва мураккаб дар илми педагогикаи муосир нишон дода шудааст.

Дар хулоса масъалаҳои асосие, ки дар назди корҳои диссертатсионӣ гузошта шуда буданд, пурра амалӣ ва ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф барои боз ҳам беҳтар намудани воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ чанд пешниҳод менамояд.

Кори диссертатсионии Азизова Ф.Ш. "Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аҳаммияти муҳимми назариявию амалӣ дошта, дар сохтори муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши созанда мебозад.

Соҳиби рисола Файзигул Азизова шахси меҳрубон, оқил, хоксор ва меҳнатқарин буда, тамоми супоришҳоро дар вақташ иҷро менамояд. Ӯ 23 сол таҷрибаи педагогӣ дошта, беш аз 12 солашро дар Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ аз фанни педагогика дарс мегӯяд. Файзигул Азизова дар анҷоми корҳои илмию ҷаъмиятӣ фаъол буда,

соҳиби обурӯ мебошад. Соҳиби рисола оид ба кори илмиаш мақолаҳои зиёд ба табъ расонидааст, ки 10 – тои он дар маҷалаи (КОА) – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Азизова Файзигул Шарифовна барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Роҳбари илмӣ:
Академики академияи
Таҳсилоти Тоҷикистон,
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Лутфуллозода М.

Лутфуллозода Маҳмадулло, тел (+992 904.09.13.38)

14.01.2025

Имзои М. Лутфуллозодаро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳои АТТ Саидова М.